## 10 02 22 ЯЗЫКИ НАРОДОВ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН ЕВРОПЫ, АЗИИ, АФРИКИ, АБОРИГЕНОВ АМЕРИКИ И АВСТРАЛИИ

## 10 02 22 LANGUAGES OF FOREIGN COUNTRIES PEOPLES OF EUROPE, ASIA, AFRICA, NATIVES OF AMERICA AND AUSTRALIA

***УДК 34 Ш 6***
***ББК 67.022.14***

# *САНАНИГОРӢ ВА ВЕЖАГИҲОИ ОН*

***Шокиров Туғрал Сироҷович,***
*д. и. ф., профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ДАТА ДОКУМЕНТА И ОСОБЕННОСТИ ЕЁ ОФОРМЛЕНИЯ*

***Шокиров Туграл Сироджович,***
*д.ф.н., профессор, заведующий кафедрой таджикского языка ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# *DATE-FORMATION AND ITS FEATURES*

***Shokirov Tugral Sirodgevich,***
*Dr. of Philology, Professor, chief of the Tajik Language department under the TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *Shokirov1953@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *ҳуҷҷат,467санавигорӣ, таърих, моҳ, коргузорӣ, дафтардорӣ, меъёр, сабт*

*Сана асоситарин омили муайянкунандаи таърихи ҳуҷҷату аснод мебошад. Он дорои вежагиҳоест, ки риояашон ҳатмист. Яке аз муҳимтарин талаботи коргузорӣ аниқиву амиқии таҳияи ҳуҷҷат маҳсуб меёбад, ки бидуни нишон додани замони омодасозии он тасаввурнопазир аст.*

*То имрӯз дар коргузории ҷаҳонӣ санангорӣ ададӣ(05.12.2016) ва ҳуруфиву ададӣ(05-уми майи соли 2017-ум) маълум буд. Дар мавридҳои дигар усули ҳуруфии сананигорӣ низ мустаъмал аст. Бинобар он муаллиф тарзи сеюм, яъне сананигории ҳуруфиро низ пешниҳод менамояд(Панҷуми декабри соли ду ҳазору ҳабдаҳум). Маъмулан санаҳоро бо ададҳои арабӣ ва римӣ менависанд. Дар коргузорӣ бо ададҳои римӣ нишон додани санаро тавсия намедиҳанд. Дар мақола омадааст, ки вақтҳои охир истифодаи баръакси сананигорӣ хусусияти байналмилалӣ гирифта истодааст, ки дар он аввал сол, баъд моҳу рӯз сабт мегардад(2016-12-05). Ҳамаи усулу тарзи сананигорӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.*

***Ключевые слова:*** *документ, дата документа, история, месяц, делопроизводство, канцелярия, норма, регистрация*

*Дата документа является одним из основных элементов делопроизводства. В системной деятельности основное значение имеет документальное обеспечение управления, а в нём - дата и ее употребление. В делопроизводственных источниках указываются два вида образования даты документа - цифровое (05.12.2016) и словесно-цифровое (5-е декабря 2016 г.). Автор статьи предлагает его третий вид под*

*названием «грамматический», в которой все элементы даты указываются словами (Пятое декабря две тысячи шестнадцатого года). В статье приведены 32 вида оформления даты документа и указаны их особенности.*

***Key words:*** *document, date-formation, history, month, clerical work, chancery, norm, registration*

*Date and date-formation are one of the major elements of clerical work. In systemic activity the main importance is attached to documentary insurance management – that of date and its usage therein. Two types of date-formation – those of digital (05-12.2016) and verbal-digital (The 05-th of December, 2016) are pointed in clerical work. The author of the article proposes the third type of the theme explored under the title of «Grammatical» in which all dates are pointed by words, such as: (The fifth of December, two thousand and sixteenth year). In his article the author adduces 32 types of date-formation and points their peculiarities as well.*

Ҳуҷҷатнигорӣ яке аз мубрамтарин соҳаҳои фаъолияти муассисаву корхона, ташкилот, умуру мақомот ва давлатдорӣ маҳсуб ёфта, бо номҳои коргузорӣ, расмӣ-коргузорӣ, дафтардорӣ мустаъмал аст. Он баробари пайдоиши ҷомеа ба вуҷуд омада, бо ташаккули давлат ва сохторҳои он пайваста дар инкишоф аст. Аз ин ҷост, ки таърихи ҳуҷҷатнигорӣ бо давлату давлатдорӣ тавъам буда, дар масири давру замони зиёд ҷанбаву ҷиҳатҳои гуногун пайдо намуда, беш аз пеш сайқал ва дар пешбурди кору пайкори давлату ҳар фарди он саҳми махсусеро соҳиб гардид. Имрӯз соҳае нест, ки бидуни ҳуҷҷатнигорӣ фаъолияти он тасаввурпазир бошад, зеро тамоми фаъолияти инфиродӣ ва ҷомеавию давлатӣ бо ҳуҷҷату санад танзим мегардад.

Ҳуҷҷатнигорӣ умумиву инфиродӣ ё хусусӣ, расмиву ғайрирасмӣ ва хизмативу ғайрихизматӣ мешавад.

Раванди бунёди ҳуҷҷатнигории хизмативу расмӣ тибқи меъёрҳову қоидаҳо, технологияи кор бо ҳуҷҷатгузорӣ сурат гирифта, аз таҳияи оддитарин ариза то идораи маҷмӯи маводи коргузории оммавиро фарогир буда, чун як соҳаи алоҳида ва махсуси машғулияти одамон таъмини методологию ташкилиро тақозо мекунад. Чунин соҳаи фаъолият, ки ҳуҷҷатдарории мухобироти идоравӣ ва корҳои ташкилии омодагӣ, таҳия, ташхис ва натиҷагириву интишори онро таъмин менамояд, дар замони гузашта **мирзоӣ, муншигӣ, дабирӣ, девондорӣ, котибӣ** ва соҳибони ин касбро вобаста ба хусусиятҳояш **мирзо, муншӣ, дабир, девондор** ва **котиб** меномиданд.

Он дорои як қатор вежагиҳои сабту нигориш аст, ки сананигорӣ яке аз онҳост. Вожаи мазкур аз лиҳози сохтори сарфӣ мураккаби тобеъ буда, аз вожаи **сана** ба маънои сол (6, с. 187) ва масдари **нигоштан** дар шакли асоси замони ҳозираи **нигор** бо иловаи пасванди калимасози **–ӣ** таркиб ёфта, нигоштани сана фаҳмида мешавад.

Сананигорӣ аз унсурҳои зарурии таҳияи ҳама гуна ҳуҷҷату санад ва маводи сабт иборат мебошад, зеро маҳз сабти сана дар ҳуҷҷату маводи хаттӣ мансубияти онро ба давраю айёми мушаххасе муқаррар ва муайян карда метавонад, вагарна дар кадом солу моҳу рӯз чӣ ҳодисаву воқеа ва рӯйдодҳои таърихӣ ба вуқӯъ омадаанд, аз мо пӯшида мемонд.

Сананигорӣ навъ, муқарраротт, маврид, ҷой ва тарзу усули корбаст дорад.

Дар маъхазу сарчашмаҳои ватанию хориҷӣ вобаста ба тарзи сабту навишт санаро ба 2 ҷудо кардаанд: *ададӣ ва ҳарфиву ададӣ* (1, с.55; 2, с.5).

Мо як намуди дигар илова сохта, онро ба 3 ҷудо ва чунин меномем: *ададӣ(рақамӣ), ҳуруфӣ, омехта.*

Корбасти ҳар кадоми ин анвоъ ба навъу намуди ҳуҷҷат вобастагӣ дорад.

1. Сабти ададӣ маъмултарин, серистеъмолтарин ва сарфакоронатарин намуди сананигорист, зеро ҳам дар навишт ҷойи камтарро мегирад ва ҳам ҳангоми коркарди электронӣ метавонад чун рамз истифода гардад.

Сананигории ададӣ танҳо бо ададу рақамҳо нигошта шуда, аввал таърихи рӯз, баъд шумораи тартибии моҳ ва сол бо рақамҳои арабӣ нишон дода мешавад. Азбаски ҳар моҳ аз 30-31 рӯз (ба ҷуз моҳи феврал), сол аз 12 моҳ иборат аст, рӯз ва моҳ бо ададҳои дурақама ва сол бо адади чаҳоррақама сабт мегардад. Рӯз, моҳ ва сол бо аломати китобатии нуқта ё тире аз ҳам ҷудо карда мешаванд: 05.12.2016

Дар бархе аз мавридҳо метавонад ба ҷои нуқта тире низ истифода гардад: 05-12-2016

Гоҳо даҳ рӯзи аввали моҳ (аз 1 то 9) бо як адад низ ишора мешавад: 5. 12. 2016

Пеш аз рақами тартибии сол ҳарфи с. ҳам мегузоранд, ки он шакли ихтисоршудаи калимаи сол мебошад. Дар чунин маврид баъди ҳарфи с аломати нуқта гузошта мешавад: 05. 12. с. 2016

Гоҳо пас аз рақами тартибии сол (2016) калимаи солро низ менависанд(05. 12. 2016 сол), ки ин ғалат буда, бо таъсири забони русӣ ба забони тоҷикӣ гузаштааст, зеро дар забони русӣ аввал рақами тартибӣ, сонӣ калимаи сол (год) хонда мешавад: 2016 год(две тысячи шестнадцатый год).

Пас аз рақами тартибии сол (масалан 2016) ҳарфи с. навиштан ҳам (05.12.2016 с.) қобили қабул набуда, тибқи талаботи шуморасозии забони тоҷикӣ нест. Бинобар он гузоштани ҳарфи с. ё вожаи сол зиёдатист, чунки пас аз рӯзу моҳ омада, рақами ҳазорӣ худ ифодагари сол буда метавонад (05.12. 2016).

Дар ҳуҷҷату асноди ғайридавлатӣ барои ишораи 12 моҳ бар ивази рақамҳои арабӣ ба кор бурдани рақамҳои римӣ (I; II; III; IV; V; VI; VII; VIII; IX; XII) низ ба назар мерасад: 05. XII. 2016 (05-XII-2016). Дар чунин маврид аломатҳои китобатии нуқта ва тире ҳамвазифа мешаванд. Метавонад ҳам рӯз ва ҳам моҳ бо рақамҳои римӣ ва сол бо рақамҳои арабӣ ишора гардад (IV. XII. 2016).

Аҳёнан пас аз шумораи сол пасванди шумораи тартибисози –ум(-юм; -вум) навишта мешавад, ки ҳатмӣ нест: 05.12. 2016-ум; 05. XII. 2016-ум, зеро соли тақвимӣ танҳо бо рӯзу моҳ (05.12.2016) ё моҳ (декабри 2016) меояд.

Дар мавридҳои алоҳида ҳангоми нишон додани таърих, давраи муайяни таърихӣ ё соли ҷудогона худи шумораҳои тақвимӣ низ истифода мегарданд: Соли гузашта 2016 буд. Асри бисту як аз 2000 оғоз гардид. Дар чунин маврид калимаи (муайянкунандаи) сол ва пасванди –умро низ истифода бурдан мумкин аст: Асри бисту як аз соли 2000 оғоз гардид. Асри бисту як аз соли 2000-ум оғоз гардид.

Маълум аст, ки шумораҳо бо ҳамсадоҳо анҷоманд, пасванди –ум, агар бо садонок ба анҷом расанд, пасванди –юм ба кор меравад: 05.12.2016-ум; 05.12.2003-юм. Дар сурати корбасти пасванд байни шумораи тақвимӣ ва пасванд гузоштани аломати китобатии тире ҳатмист.

Ҳангоми таҳияи ҳуҷҷат ё мурочиати хаттӣ пас аз рӯзу моҳ танҳо ду адади охири солро нишон додан ҳам роиҷ аст: 05.12.16. Қайдаш бамаврид аст, ки чунин усули нишон додани сана дар ҳуҷҷату асноди расмию давлатӣ бояд ҷоиз набошад, зеро сабти муайянкунандаи сада набошад, мансуби кадом аср будани ҳуҷҷат муаммо

хоҳад шуд: 05.12.1916 (05.12.16) ва 05-12-2016 (05-12-16). Яъне, ду рақами охири нишондиҳандаи сол метавонад 1916 ё 2016 буда, баръакси яке аз асоситарин талаботи сананигорӣ, ки амиқиву мушаххасист, ноаниқу ғалат фаҳмида шавад.

Усули пурра нишон додани сол дар ҳуҷҷату мавридҳои мухталиф истифода мегардад. Масалан, ҳангоми тасдиқ намудани ҳуҷҷате (тасдиқнома) дар қисми болоии варақ, аз тарафи рости саҳифа, баъди нишон додани вазифаву мансаб ва ному насаб истифода мегардад:

«Тасдиқ менамоям»
Сардори Шӯбаи омори
н. Деваштич
___________Ализода Ҳ. Б.
«05» .12. 2016

Тавре ки мебинем, санаи рӯз дар нохунак гирифта шуда, баъди он аломати нуқта гузошта, сол нишон дода мешавад.

Баъд аз моҳ калимаи соли навишта шавад, аломати нуқта намегузоранд: « 05 » 12 соли 2016

Гоҳо номи моҳро бо ҳарфҳо (январ) сабт карда, вожаи «сол»-ро низ илова менамоянд: «05» декабри соли 2016

Дар мукотиботи мақомотиву ҳукуматӣ баъд аз нишон додани номи мақомот ва суроғаи он аз тарафи чапи саҳифа пеш аз оғози матн сана ба таври зайл сабт мегардад:

05.12.2016 № 15/III-040

Ба №_____аз________

Пас аз имзо ба ҳама гуна ҳуҷҷат ба тари зайл санаи имзо низ гузошта мешавад:

Ализода Ҳ. Б., имзо, сана

05.12.2016

Дар ҳуҷҷату мавридҳои ғайрирасмӣ бо сурату махраҷ нишон додани сана ҳам маъмул аст. Дар ин маврид рӯз дар сурат, моҳ дар махраҷ ҷой дода мешавад: $\frac{05}{12}2016$

Ду адади аввали солро пеш аз рӯзу моҳ, ду адади сонии солро дар охир овардан ҳам мустаъмал аст: $20\frac{05}{12}16$

Шумораи сол бо рақамҳои арабӣ, рӯзу моҳ бо рақамҳои римӣ низ ишора мешаванд: $20\frac{V}{XII}16$

Тамоми санаро бо рақамҳои римӣ низ сабт кардаанд: $XX\frac{V}{XII}VI$

2.Усули дигари сананигориро мо ҳуруфӣ номидем, зеро дар сарчашмаҳои назариявӣ чунин унвон ва навъ ба назар нарасид. Дар сарчашмаҳои русӣ он бо номи «словесно- цифровой» ёд мешавад (1, с.55) вале чандон матлуб нест, чунки дар усули мазкур ягон адади рақамӣ истифода намешавад. Барои он ҳуруфӣ номидем, ки дар ин усул тамоми шумораҳои ифодагари рӯз, моҳ ва сол танҳо бо ҳарфҳо ишора мегарданд: *Панҷуми ноябри соли ду ҳазору шонздаҳум.*

Он низ талаботу анвои нигориши худро дорад. Мушоҳидаву назорати дарси устодон собит намуд, ки аксари омӯзгорону донишҷӯён дар тахтаи синфу дафтарҳои таълимиашон танҳо рӯз ва моҳи баргузории дарсро нишон дода, ҳатто дар охир нуқта мегузоранд, ғалати маҳз аст: *Панҷуми ноябр.* Чунин тарзи сананигорӣ ғалат нест, аммо тамоман номукаммал мебошад, зеро моҳи ноябри кадом сол буданаш

номаълум мемонад. Ҳамеша бояд дар мадди назар дошт, ки пас аз сана аломати нуқта намегузоранд.

Баробари сабти рӯзу моҳ, бо ибораи мураккаби тафсилии бисёртаркиба нишон додани сол низ саҳеҳ мешавад: *Панҷуми ноябри ду ҳазору шонздаҳ.*(Нуқтаи мазкур нишондиҳандаи анҷоми ҷумла аст.)

Бо таъкиди сол истифодаи ибораи мазкур низ роиҷ аст: *Панҷуми ноябри соли ду ҳазору шонздаҳум.*

Гоҳо вожаи солро дар ин усули нигориш ҳам дар охир менависанд, ки ғалат аст: *Панҷуми ноябри ду ҳазору шонздаҳум* ***сол***. Сабаби пайдоиши усули мазкури сананигориро дар боло қайд кардем.

Доираи истифодаи усули грамматикии сананигорӣ нисбат ба усулҳои *ададиву омехта* маҳдудтар буда, он асосан дар дарсҳои забон ва адабиёт, мавридҳои тафсирӣ ва ҳуҷҷатнигории махсус корбаст мегардад.

3. Усули омехта бо истифодаи рақам ва ҳарф навишта мешавад.

Усули мазкур низ дорои вежагиву талаботи худ аст.

Хеле бисёр ба мушоҳида мерасад, ки устодону шогирдон ҳангоми дар дафтар ё тахтаи синф навиштани сана усули омехтаро истифода мебаранд, вале дар ин усул ҳам танҳо рӯз ва моҳро нишон медиҳанду ба ишора кардани сол аҳамият намедиҳанд: 05-уми декабр. Албатта чунин усули сабти сана нодуруст ва аниқтараш носаҳеҳ аст, зеро, тавре ки қайд кардем, дар сурати нишон додани танҳо рӯзу моҳ ба кадом сол мансуб будани санаи сабтшуда ғайриимкон мегардад. Зиёда аз ин, гоҳо пас аз шумора навиштани пасванди шумораи тартибӣ низ сарфи назар мешавад: 05 декабр. Бояд таъкид намуд, ки ин хилофи имлост ва ҳамон сана мукаммал ҳисобида мешавад, ки шомили нишондиҳодаваандаи рӯз, моҳ ва сол бошад. Дар айни замон 5 тарзи усули омехтаи сабти сана роиҷ аст.

Тарзи аввал аз рӯз (05), тире(--) пасванди шумораи тартибии –ум (-юм) номи моҳ ва сол иборат аст: 05-уми декабри 2016; тарзи дуюм бидуни пасванди шумораи тартиӣ нишон додани сана аст: 05 декабри 2016; дар тарзи сеюм баъди шумораи ифодагари рӯз нимтире мегузоранд: 05-декабри 2016; тарзи чаҳорум тақозо менамояд, ки баъди номи моҳ вожаи сол низ сабт шавад: 05 –уми декабри соли 2016.

Тибқи талаботи тарзи панҷум пас аз шумораи сол пасванди шумораи тартибии –ум(-юм) низ сабт мегардад, ки ин мукаммалтарин ва саҳеҳтарин сананигорист: 05-уми декабри соли 2016-ум. Аммо гунаи мазкури сананигорӣ ба нудрат дучор мегардад. Гунаи маъмулӣ ва қобили қабул тарзи сеюм буда метавонад. Дар он пас аз шумораи сол ҳоҷат ба овардани пасванди –ум(-юм) намемонад, зеро модоме, ки рӯзу моҳу сол сабт мешавад, маълум аст, ки сухан дар бораи сана меравад.

Мутаассифона, дар аксар мавриди баъди шумораи сол калимаи сол навишта мешавад, ки ин тамоман ғалат буда, сабаби роиҷ гаштани онро дар боло қайд кардем: 05-уми декабри 2016 сол. Гоҳо вожаи солро ихтисор ҳам мекунанд, ки қобили қабул нест: 05-уми декабри 2016 с.

Дар ҳуҷҷатҳои хусусияти молиявидошта маъмулан рӯзу сол бо рақам ва моҳ бо ҳарф сабт мегардад: 05.12.2016. Агар дар матн танҳо нишон додани сол лозим бошад, пеш аз шумора калимаи соли низ сабт бояд гардад: нақша барои соли 2016

Сана аз моҳ ва сол, аз семоҳаву сол, нимсолаву сол иборат бошад, ба тарзи зайл менигоранд: дар марти соли 2010; дар октябр-ноябри соли 2010; дар семоҳаи якуми соли 2012; дар семоҳаҳои сеюм-чоруми соли 2012.

Семоҳаро бо рақамҳои римӣ низ нишон медиҳанд: семоҳаи I соли 2012; семоҳаҳои III-IV соли 2012 ва ғ.

Дар ҳамаи солҳои мазкур пасванди шумораи тартибии –ум сабт нагардидааст, вале дар назар ҳаст.

Дар сурати бо ишораи моҳ, семоҳа, нимсола сабт кардани сол калимаи сол дар шакли «с.» ва солҳо (с-ҳои ) ихтисор мешавад.

Дар унвонсаҳфа(титульный лист), муқова ва маълумоти интишории феҳристи адабиёт сол бо рақам нишон дода шавад, сабти вожаи сол шарт нест: Душанбе: Ирфон, 2016

Мӯҳлатҳои тақвимӣ дар матн ба таври зайл сабт мегарданд:

дар моҳи октябри с. 2016;

дар 9 моҳи соли 2016; дар соли 2016.

Барои нишон додани фосила ё давраҳои тақвимӣ пешояндҳои аз … то истифода мегардад: аз соли 2014 то соли 2016.

Пеш аз давраи дуюм сарфи назар кардани калимаи сол мумкин аст, зеро муайянкунандаи бо таърихи аввал омада, муқаррар месозад, ки сухан дар бораи чӣ меравад: аз соли 2014 то 2016.

Санаҳои таърихӣ чида шуда оянд, барои нишон додани фарогирии ду ва зиёда давраи муайян аломати нимтире мегузоранд ва сол дар шакли ҷамъ (солҳо) меояд: дар солҳои 2014-2016.

Солҳои ғайритақвимие, ки нимсолаи дуюми як сол ва нимсолаи аввали соли дигарро дарбар мегиранд (соли хониш, соли буҷавӣ, соли ҳисоботӣ ва ғ.), солҳо бо уребхати уфуқӣ ҷудо карда мешаванд: соли хониши 2016/2017.

Дар мавридҳои дигар байни солҳо нимтире мегузоранд: пардохти маблағи солҳои 2014-2015.

Семоҳа бо рақами римӣ, вале нимсола пурра навишта мешавад: семоҳаи I соли 2016; нимсолаи дуюми соли 2016.

Аввали нахуствожаи номи иду айёмҳо ва санаҳои таърихӣ бо ҳарфи калон навишта мешавад: Соли нав; Рӯзи Ғалаба; Рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурияти Тоҷикистон. Агар номи чунин санаҳо бо рақам сабт гардад, калимаҳои минбаъдаи он бо ҳарф навишта мешаванд: 8 Март; 9 Май. Онҳо бо пасвандҳои шумораи тартибӣ низ метавонанд навишта шаванд. Дар ин маврид байни шумораи рақамӣ ва пасванд аломати китобатии тире мегузоранд.

Сарҳарфи муайянкунандаи санаҳо бо ҳарфи калон навишта мешавад: 8-уми Март; 9-уми Май.

Сабти дигари санаҳои таърихӣ низ маълум аст. Усули баръакси сабти сана, яъне аввал сол, баъд моҳ ва сонӣ рӯз низ мустаъмал аст: 2016.11.10. Чунин усул махсусан барои дар хазинаҳои калон ҷустани ҳуҷҷатҳову санадҳо мувофиқ аст.

Пас аз ба имзо расидани қонуну қарор дар охири матни он баъди нишон додани вазифа, ному насаби соҳибмансаби имзогузор, макони қабули ҳуҷҷату санад санаи баимзорасӣ гузошта мешавад:

Раиси Маҷлиси миллии

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон М. Убайдуллоев

ш. Душанбе, 8 ноябри соли 2016, № 290 (5)

Ташкилоти байналхалқии стандартонӣ (ISO) бино бар татбиқи технологияҳои мухобиротӣ истифодаи нишондиҳандаи универсалии рақамии санаҳоро тавсия медиҳад.

Тибқи ГОСТи 7.64-90 (ИСО 8601: 88) намунаи сабти санаи 1 сентябри соли 2009 (формати тафсилёфта) бо шакли зерин навишта мешавад:20090901(шакл ё худ формати асосӣ); 2009-09-01(шакли афзоянда), 09-09-01 (шакли ихтисорааш).

Чунин унсурҳои сананигорӣ яке аз муҳимтарин талаботи ҳуҷҷатнигорию услуби расмӣ-коргузорӣ маҳсуб ёфта, дуруст корбаст намудани онҳо кафолати саҳеҳии ҳуҷҷату аснодро таъмин менамояд. Сананигориро дар ҷадвал чунин нишон додан мумкин аст:

| Сана, сананигорӣ ва вежагиҳои он | | |
|---|---|---|
| Ададӣ | Ҳуруфӣ | Омехта |
| *05. 12. 2016* | Панҷуми ноябр | 05-уми декабр |
| *05- 12- 2016* | Панҷуми ноябри соли ду ҳазору шонздаҳум.(нуқта зиёдатӣ) | 05 декабр |
| 5. 12. 2016 | Панҷуми ноябри соли ду ҳазору шонзда**ҳум** | 5 декабр |
| *05. 12. с. 2016* | | 05-уми декабри 2016 |
| *05. 12. 2016 сол(бо таъсири забони русӣ- две тысячи шестнадцатый год)* | Панҷуми ноябри ду ҳазору шонздаҳ | 05 декабри 2016 |
| 05.12. 2016-ум | Панҷуми ноябри соли ду ҳазору шонздаҳум | 05-декабри 2016 |
| 05.12.2003-юм | | |
| (I; II; III; IV; V; VI; VII; VIII; IX; XII) 05. XII. 2016 | Панҷуми ноябри ду ҳазору шонздаҳум **сол** | 05-уми декабри соли 2016**.** |
| 05- XII- 2016 | | |
| IV. XII. 2016 | | |
| 05. XII. 2016-ум | | 05-уми декабри соли 2016-ум**.** |
| 05.12.16 | | |
| 05-12-16 | | |
| $\frac{05}{12}$2016 | | 05-уми декабри 2016 сол |
| 20$\frac{05}{12}$16 | | 05-уми декабри 2016 **с.** |
| 20$\frac{V}{XII}$16 | | 9 Май; 8-уми Март; 9-уми Май |
| 20$\frac{V}{XII}$16-ум(юм) | | |
| 05.12. (ҳуҷҷати солона бошад) | | |

*Эзоҳ: ранги сиёҳи ғафс рамзи ғалат ё нолозим будани нишондиҳанда аст.*

***Пайнавишт:***

*1.Басаков М. И., Замицкова О. И. Делопроизводство [Документационное обеспечение управления]. 15-е издание.-/ М. И. Басаков, О. И. Замицкова. -Ростов на Дону: Феникс, 2015.-376с.*
*2. ГОСТ Р 6.30.2003. Унифицированные системы документации. Унифицированная система организационно-распорядительной документации. Требования к оформлению документов.- М.: Изд-во стандартов, 2003.-346с.*
*3. Делопроизводство.- М.: ООО «ТК Велби», 2003.-221с.*
*4. Справочник секретаря –референта: практическое пособие.5-е изд. испр. и дополн. - Ростов на Дону: Феникс, 2008.-221с.*
*5. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ч.2. -М.:ЭС,1969.-971с.*
*6. Ҷумҳурият, 15 ноябри 2016*

***Reference Literatue:***

*1.Basakov M. I, Zamitskova O. I. Record Keeping [Documentary management software]. 15th edition .- / M. I. Basakov, O.I. Zamitskova. Rostov-on-the-Don: Phoenix, 2015.-376 pp. (in Rusian)*
*2. GOST R 6.30.2003. (State Standard) Unified Systems of Documentation. Unified System of Organizational-Administrative Documentation. Requirements for Paper Framing. - M.: Publishing-house of Standards, 2003. - 346 pp. (in Russian)*
*3. Record Keeping.- M.: OOO "TK Welby" 2003. – 221 pp. (in Russian)*
*4. Secretary-Referent`s Book: practical manual. The 5-th edition, revised and enlarged. - Rostov-on-the-Don: Phoenix, 2008. - 221 pp. (in Russian)*
*5. Explanatory Dictionary of the Tajik Language , V.2.-M.: ES, 1969. - 971pp.*
*6. Jumhuriyat (Republic), 15 November 2016. (in Tajik)*